## ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Шамсияи Тоирхон дар мавзуи «Саҳми муҳаққиқони рус дар омӯзиши этнография ва антропологияи Тоҷикистони марказӣ ва ҷанубӣ (1920–2000)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 Таърих, (6D020303 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ) пешниҳод шудааст**

Таҳқиқи таърихи омӯзиши этнография ва антропологияи Тоҷикистон яке аз самтҳои муҳими илмҳои таърихӣ ба ҳисоб рафта, барои дарки равандҳои ташаккул ва рушди донишҳои илмӣ оид ба таърихи иҷтимоӣ, фарҳангӣ, этникӣ ва антропологии мардуми тоҷик аҳаммияти муҳим дорад. Аз ин ҷиҳат, мавзуи интихобнамудаи Шамсияи Тоирхон, ки ба омӯзиши саҳми муҳаққиқони рус дар таҳқиқи этнография ва антропологияи Тоҷикистони марказӣ ва ҷанубӣ дар солҳои 1920–2000 бахшида шудааст, мубрам ва дорои аҳаммияти илмӣ мебошад.

Муаллиф дар автореферат масъалаҳои марбут ба ташаккул ва рушди таҳқиқоти этнографӣ ва антропологӣ дар қаламрави Тоҷикистони марказӣ ва ҷанубиро мавриди баррасӣ қарор дода, ба накши муҳаққиқони рус дар ҷамъоварӣ, тасниф, таҳлил ва ба гардиши илмӣ ворид намудани маводи гуногуни таърихию этнографӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир намудааст.

Дар автореферат мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, объект ва предмети таҳқиқ, асосҳои методологӣ, навоварии илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот ба таври мушаххас муайян гардидаанд.

Муаллиф кушиш намудааст, ки ҷиҳати муайян намудани саҳми мардумшиносон ва антропологҳои русро дар омӯзиши таркиби этникии тољикон ва масъалаҳои этногенези халқи тоҷикро баҳои мусбат диҳад.

Асосҳои назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ гуногунҷабҳа буда, пеш аз ҳама дар заминаи талаботи илми таърихнигории муосир бе истифодаи ягон қолаби идеологӣ ё чаҳорчӯбаи муқарраршудаи сиёсӣ анҷом ёфтааст. Ба замми ин осори илмии бунёдии таърихи халқи тоҷик, таҳқиқоти олимони шинохтаи ватанӣ ва хориҷӣ, муқаррароти муайян намудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба самтҳои афзалиятноки корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар ҷумҳурӣ ҳамчун заминаи назариявӣ истифода шудаанд.

Навгонии илмии таҳқикот дар он зоҳир мегардад, ки бори нахуст ба доираҳои илмӣ таҳқиқотӣ, диссертатсияе пешниҳод мегардад, ки он ба омӯзиши саҳми муҳаққиқони рус дар омӯзиши этнография ва антропологияи

мардуми ноҳияҳои марказӣ ва ҷанубии Тоҷикистон дар солҳои 1920 – 2000 бахшида шудааст.

Аҳаммияти назариявӣ ва амалии рисола аз он иборат аст, ки натиҷаҳои таҳқиқоти мазкурро метавон дар таҳия ва навиштани бахшҳои алоҳидаи таърихи халқи тоҷик, инчунин таърихи вилоятҳо ва минтақаҳои алоҳидаи ҷануби Тоҷикистон, хондани курсҳои махсус дар мактабҳои олӣ, ҳангоми таҳияи воситаҳои таълимӣ-методӣ истифода бурд.

Тавре аз автореферати диссертатсия бармеояд, рисола аз муқаддима, се боб, шаш зербоб, хулоса, рӯйхати сарчашма ва адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Автореферат бо забони равони илмӣ таҳия шудааст, ки аз сатҳи баланди омодагии илмии муаллиф ва дониши методологиву таҳлилии ӯ шаҳодат медиҳад. Аз банду баст ва муҳтавои автореферат муайян мегардад, ки диссертатсияи мазкур мувофиқ ба талаботи мавҷудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро шуда, ҷавобгӯи он мебошад.

Муаллиф оид ба мавзуи диссертатсия 1 монография, 4 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 12 мақолаи илмӣ дар дигар нашрияҳо ба табъ расондааст.

Хулосаҳо ва тавсияҳои амалӣ, ки дар ҷараёни ин таҳқиқот баён гардидаанд, бо далелҳои муътамад ва асосҳои илмӣ пурра тасдиқ ва тақвият ёфтаанд.

Автореферати диссертатсияи Шамсияи Тоирхон дар мавзуи «Саҳми муҳаққиқони рус дар омӯзиши этнография ва антропологияи Тоҷикистони марказӣ ва љанубӣ (1920–2000)», бо риояи талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба расмият дароварда шудааст. Довталаби дараҷаи илмӣ зимни таҳия талаботи «Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводи илмӣ»-ро, ки бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024, №493 тасдиқ шудааст, пурра ба инобат гирифтааст.

Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи дар «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Ҳамин тавр, бо такя ба муҳтавои автореферати диссертатсия метавон ба хулоса омад, ки ин таҳқиқот дар сатҳи баланд анҷом ёфта, муаллиф сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси

6D020300 – Таърих, 6D020303 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ мебошад.

Такриздиҳанда,
номзади илмҳои таърих, и.в., дотсент,
декани факултети таърих ва ҳуқуқи Донишгоҳи
давлатии Хоруғ ба номи М.Назаршоев Мамадсалим Насим

Суроға: 736000, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Хоруғ, к. Ш.Шоҳтемур 109
Тел: +992 934030444
E-mail: mamadsalimov8989@mail.ru

«Имзои н.и.т., и.в., дотсент Мамадсалим Н.А.–ро тасдиқ менамоям»:

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДДХ ба номи М.Назаршоев Саидраҳмонов Н.С.

«24» 08 соли 2026

Суроға: 736000, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Хоруғ, к. Ш.Шоҳтемур 109
Тел: +992 8352222248
E-mail: ksu.khorog@mail.ru